UNITED NATIONS DEVELOPMENT PROGRAMME

# Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ва Вазорати тандурустӣ натиҷаҳои арзёбии идоракунии партовҳои тиббӣ дар Тоҷикистонро пешниҳод мекунанд

Душанбе, 2 марти соли 2021 - Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ натиҷаҳои арзёбии ҳамаҷонибаи амалия ва иқтидорҳои идоракунии партовҳои тиббиро дар 15 беморхонаҳо ва чор лаборатория дар Душанбе, Хатлон ва минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод намуд. Арзёбӣ моҳи ноябри соли 2020 барои таҳлили таъсири пандемияи COVID-19 ба системаи идоракунии партовҳои тиббии кишвар ва оқибатҳои номатлуби экологӣ оғоз ёфт.

"Умедворем, ки ин маълумот ба ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки дар самти ҳалли масъалаҳои идоракунии партовҳои тиббӣ ва ҳамоҳанг сохтани чаҳорчӯбаҳои миллии меъёрӣ ва мурофиавӣ бо конвенсияҳо ва қоидаҳои байналмилалии тандурустии ҷамъият имкони ҳамкории зичтар фароҳам меорад. Мо инчунин умедворем, ки шарикони рушд минбаъд низ ҳукумати Тоҷикистонро дар коҳиш додани таъсири COVID-19 ба муҳити зист дастгирӣ намуда, ба беҳтар намудани рушди оянда мусоидат хоҳанд кард », - гуфт муовини намояндаи доимии БРСММ дар Тоҷикистон Кристофорос Политис.

Тибқи ин гузориш, самтҳои калидии такмили системаи идоракунии партовҳои тиббӣ дар кишвар азнавсозии заминаи меъёрӣ, фароҳам овардани иқтидор ва омӯзиш дар соҳаи идоракунии партовҳои беҳдоштӣ барои кормандони тиб, ҷорӣ намудани технологияҳои беҳтарин барои нобуд кардани партовҳои тиббӣ мебошанд. Баҳодиҳандагон ёдовар шуданд, ки иншооти сӯхти мавҷудаи баъзе беморхонаҳои деҳот аз замони шӯравӣ ба мерос мондааст ва аз он вақт инҷониб навсозӣ нашудаанд.

Пандемия нишон дод, ки Қоидаҳои санитарии идоракунии бехатарии партовҳои тиббиро дар Тоҷикистон бояд муосиртар кард, то идоракунии партовҳо, алахусус дар ҳолатҳои фавқулодда, ҳам аз нуқтаи назари эпидемиологӣ ва ҳам муҳити зист самараноктар ба танзим даровארда шавад. БРСММ бо ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шарикон барои муосир кардани қоидаҳои эмгузаронӣ ва партовҳои соҳаи тандурустӣ кор мебарад.

Имсол, дар ҳамкории зич бо Вазорати тандурустӣ, созмони “Пешсаф” ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, БРСММ ба нақша гирифтааст, ки 500 корманди соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла ҳамшираҳои тиб ва партовкашонро омӯзонад, то технологияҳои беҳтарини мавҷударо таҷриба кунанд ва намунаҳои гуногуни ҳамкориҳоро барои мусоидат ба рушди  бахши хусусӣ- шарикӣ фароҳам оварад.

Дар доираи ин ташаббус, БРСММ аллакай тавассути таҳияи бобҳои иловагӣ оид ба партовҳое, ки ҳангоми эмгузаронӣ ва ҳолатҳои фавқулодда ба вуҷуд омадаанд, ба Қоидаҳои санитарии идоракунии бехатарии партовҳои саломатӣ (SanPiN) тағйирот  илова намуда аст. Дар моҳи январи соли 2021, БРСММ инчунин ба беморхонаҳои Душанбе, Варзоб, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Файзобод ва Ваҳдат таҷҳизоти тиббӣ барои нест кардани партовҳоро тақсим кард.

Лоиҳаи БРСММ "Ҳалли хатарҳои экологии COVID-19 тавассути такмили идоракунии партовҳои соҳаи тандурустӣ" ҳадафи дастгирии ҳукумати Тоҷикистонро дар таҳкими системаи идоракунии партовҳои тандурустӣ ва коҳиш додани таъсири пандемия ба одамон ва муҳити зистро дорад.

*Барои маълумоти иловагӣ, лутфан тамос гиред: Рухшона Наҷмидинова, таҳлилгари алоқа, БРСММ дар Тоҷикистон (тел.: No992 (44) 6005600, E-mail: Rukhshona.nazhmidinova@undp.org).*